**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 хиёбони Борбад 48/5), Тел: (992) 372310843 E-mail: faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Таҳқиқоти автореферати диссертатсионии Холмаҳмазода Искандар Холаҳмад ба масъалаи муҳим ва актуалии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон – бахшида шуда аст. Маврид ба зикр аст, ки имрӯз бисёре аз корхонаҳои кишоварзӣ бо мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ гардида ва захираҳои кофии дохилӣ барои рушд надоранд. Дар чунин шароит, қарзҳои бонкӣ ба манбаи муҳими навсозии воситаҳои асосӣ ва пур кардани сармояи гардон табдил ёфтаанд.

Дар автореферат дуруст қайд шудааст, ки мафҳуми қарзи кишоварзиро мувофиқ ба шароити имрӯзаи рушди низоми бонкӣ ва соҳаи кишоварзӣ муайян намудан лозим аст: қарзи кишоварзӣ муносибатҳои махсуси байни муассисаҳои қарзӣ ва субъектҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки дар ҷамъоварии маблағҳои муваққатан озоди дигар субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ ва ба хоҷагиҳои кишоварзӣ пешниҳод кардани онҳо дар асоси принсипҳои асосӣ ва бо таъмини вазифаҳои умумии қарз ифода меёбад.

Автореферат сохтори мукаммал дошта, ҳамаи қисмҳои зарурии диссертатсияро дар сатҳи фишурда дар бар мегирад.

Муқаддима мубрамияти мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи онро нишон медиҳад.

Муаллиф зимни таҳлилҳо дар авторефрат муайян кардааст, ки барои рушди қарздиҳии имтиёзноки бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳаи кишоварзӣ, дар мамлакат роҳандозӣ намудани механизми қарздиҳие зарур аст, ки пешниҳоди қарзро ба корхонаҳои кишоварзӣ бо меъёри солонаи ҳадди аққал 12-15% таъмин намояд. Дар ин маврид норасоии даромади бонкҳо, ки мувофиқи вазъи имрӯзаи бозор 10-12%-ро ташкил медиҳад, бояд аз ҷониби буҷети давлатӣ тавассути пешниҳоди кумаки молиявӣ ҷуброн карда шавад.

Таҳқиқоти автореферати мазкур аз дараҷаи баланди эътимоднокӣ бархурдор аст, чунки дар он масъалаҳои мубрами механизми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст.

Натиҷаҳои илмии авторефрати мазкур аз он ҷиҳат судманд мебошанд, ки муаллиф таҷрибаи калони амалӣ дар самти ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта, дар раванди таҳқиқот аз усулҳои: монографӣ, таҳлили оморӣ, математикӣ - иқтисодӣ, демографию қиёсӣ ва таҷрибавию озмоишӣ истифода бурдааст, ки дар ниҳояти кор, истифодаи усулҳои мазкур асоснок намудани натиҷаҳои назариявӣ - амалӣ, хулосаю пешниҳодҳоро таъмин намудааст.

Зимни шиносои бо автореферати диссертатсия маълум гардид, ки Шаклҳои асосии пешниҳоди имтиёзҳо ба кишоварзон пардохтҳои ҷубронӣ, ҷуброни талафот аз офатҳои табиӣ, танзими нархҳо дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ, сиёсати гумрукӣ, ҷудо кардани маблағҳо барои рушди инфрасохтори кишоварзӣ, лизинг, қарзи имтиёзнок буда, корбурди онҳо барои дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо зиёд намудани ҳаҷми маблағҳои буҷетии ба соҳаи кишоварзӣ сафарбаршаванда имконпазир аст.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

Қайд кардан лозим аст, ки дар автореферат як қатор норасоиҳо ҷой доранд, аз қабили:

1. Назари муаллиф роҷеъ ба ҷанбаҳои назариявии қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳо кам дида мешавад.
2. Маълумот дар бораи фаолияти бонкҳое, ки бештар ба самти корхонаҳои кишоварзӣ қарзҳоро пешниҳод мекунанд, ба таври васеъ оварда нашудааст.
3. Дар автореферат баъзе хатогиҳои мантиқию услубӣ ва техникӣ мушоҳида кардам ешавад.

Норасиҳои зикршуда сатҳи тависявӣ дошта, натиҷаҳои назариявию амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, автореферати Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи **«Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки**

**корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** ҳамчун кори ба анҷом расида, ба талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯи буда ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи «Молия, фаъолияти бонкӣ ва омор» -и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Сафарова М.Б.**

Имзои н.и.и, дотсент Сафарова М.Б-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ **Пиризода С.С.**

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½.
**Тел:** 918695093
**E-mail:** safarova-muborak@mail.ru